**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Сафарзода Сафармад дар мавзӯи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар асоси маводҳои Тоҷикистони Марказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Сафарзода Сафармад хатмкунандаи зинаи аспирантураи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идораи хоҷагии халқ (аз рӯи соҳаҳо)-и Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи милли Тоҷикистон мебошад (2017-2020).

Дар мухлати муайяншуда имтиҳонҳои номзадиро супорида, 10 кори илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда омода намуда, аз чоп баровардааст. Аспирант зимни фаъолият худро ҳамчун таҳқиқотчии тахассусманд, ки дорои омодагии баланди дониши назариявию амалӣ дар соҳаи иқтисодиёти минтақа, ошно аз усулҳои муосири таҳқиқотҳои иқтисодӣ ва азхудкунандаи методология ва методикаи гузаронидани корҳои илмӣ оид ба масъалаҳои ташаккули механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа муаррифӣ намуд.

Аз ҷониби аспирант ҳангоми таҳқиқот маҷмӯи усулҳои иқтисодӣ, ба монанди усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқотӣ, хусусан, дар байни онҳо усулҳои таҳлили системавии иқтисодӣ, иқтисодӣ-математикӣ ва омории коркарди иттилоот, амсиласозӣ ва пешгӯии коршиносон ба таври васеъ ба кор бурда шудаанд.

Донистани предмет ва объекти таҳқиқоти худ ба муаллифи диссертатсия имконияти ҳал намудани вазифаҳои асосиро додааст, ки коркарди илмии он аҳамияти муҳимро барои ташаккул ва инкишофи механизми ташаккул ва рушди сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, таҳлил ва баҳодиҳии вазъи сармоягузории сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва такмили механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаро дорад.

Кори диссертатсионии Сафарзода С. таҳлил тахассусӣ ва синтезии маводҳои зиёди воқеиро оид ба ҷабҳаҳои назариявӣ ва амалии механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақавӣ дорост. Ин ба муаллифи диссертатсия барои таҳлили таҷрибаи хориҷии таъмини сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақавӣ имконият дод ва ӯ дар ин асос мақсаднокӣ ва имконпазирии истифодабарии онҳоро дар минтақаҳои марказии кишварамон муайян ва, инчунин, самтҳои асосии мукаммалгардонии механизми молиявии идоракунии иқтидори сармоягузориро пешниҳод намуд.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти илмии Сафарзода С. бо он асоснок карда мешавад, ки дар самти механизми дастгирии сармоягузории

сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ ҳаҷми муайяни тавсияҳои илман асоснокшуда ба назар намерасанд.

Кори диссертатсионии мазкур ҳамчун таъминкунандаи базаи илмӣ-методӣ дар илми иқтисодиёт ба шумор меравад. Пешниҳод ва тавсияҳое, ки дар он манзур гардидаанд, аз ҷониби диссертант дар асоси таҳлили илмии вазъи мавҷуда, ҳам дар кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон, ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сатҳи минтақаҳои алоҳидаи он коркард гардидаанд.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқот оварда шудаанд, ки бе ягон муҳобот ҳиссаи аспирантро дар рушди назарияи ташаккул ва инкишофи механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ гузошта шуда, тавсияҳои амалие, ки дар диссертатсияи Сафарзода С. ҷой доранд, барои муайян намудани самаранокии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва баҳодиҳии онҳо дар иқтисодиёти минтақа мусоидат мекунанд.

Итминони комил дорам, ки кори диссертатсионӣ таҳқиқоти илмии баитмомрасида шуморида шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад ва унвонҷӯ Сафарзода С. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**муовини ректор оид ба илм ва**
**инноватсияи Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,**
**д.и.и., профессор** **Бобоҷониён Д.Д.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
микр-н 17, хонаи 1. www. tsulbp.tj, e-mail: bobojonovd@rambler.ru
Тел.: +992 92 773 46 46 (м)

16. 06. 2025с.

ДДҲБСТ
имзои Бобоҷониён Д.Д.
д.и.и., профессор
тасдиқ менамоям
сардори шуъбаи кадрҳо
Бобоев А.Т.